**ПРОТОКОЛИ №26/3**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-011 дар назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

12 октябри соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ (Тибқи фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсис додани Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-011 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” аз 04 феврали соли 2022, №53) 13 нафар, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисос ҳузур доранд. - Кворум ҳаст. Мувофиқи Дастурамал дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, шӯрои диссертатсионӣ ҳуқук дорад, ки ҷаласаро кушода эълон намояд. -Таклиф аст, ки маҷлисро кушоем. Дигар пешниҳодҳо нест? -Нест. Бо як овоз кабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА**

1. Ба ҳимояи такрорӣ қабул намудани кори диссертатсионии Ғафоров Алишер Бобобекович дар мавзӯи “Коркарди амсилаи математикӣ ва барномасозии масъалаи муҳофизати агросенозаи пахта” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18-Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаъи барномаҳо.

**Баромад намуд:** раиси Шӯрои диссертатсионӣ д.и.ф.м., профессор, академики АМИТ Илолов М.

Муҳтарам аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, барои пешниҳоди диссертатсияи Ғафоров Алишер Бобобекович дар мавзӯи “Коркарди амсилаи

математикӣ ва барномасозии масъалаи муҳофизати агросенозаи пахта” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18-Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаъи барномаҳо, комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шуда буд:

-доктори илмҳои физикаю математика, профессор Солиҳов Д.Қ., раиси комиссия;

-доктори илмҳои техникӣ, дотсент Мирзоев С.Ҳ., узви комиссия;

-номзади илмҳои физикаю математика Солиев С.Қ., узви комиссия;

Ба Шӯрои диссертатсионӣ хулосаи комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст. Комиссия дар асоси дида баромадани диссертатсияи Ғафоров Алишер Бобобекович дар мавзӯи “Коркарди амсилаи математикӣ ва барномасозии масъалаи мухофизати агросенозаи пахта” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18-Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаъи барномаҳо, диссертатсияи мазкурро ба ҳимояи такрорӣ пешниҳод менамояд.

Инчунин комиссия пешниҳод менамояд, ки:

- муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ;

- мукаризони расмӣ - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Исматӣ Муҳаммадҷон ва номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, директори Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон” Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо таъйин карда шавад.

-Дигар пешниҳодҳо нест?

-Нест. Хоҳиш менамоям, ки ба пешниҳоди гузошташуда овоз диҳед. Зид, бетараф нест. Бо як овоз кабул карда шуд.

## ҚАРОРИ ҶАЛАСА

1. Диссертатсияи Ғафоров Алишер Бобобекович дар мавзӯи “Коркарди амсилаи математикӣ ва барномасозии масъалаи муҳофизати агросенозаи пахта” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 05.13.18- Амсиласозии математикӣ, методҳои ададӣ ва муҷтамаъи барномаҳо ба ҳимояи такрорӣ кабул карда шавад.
2. Муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ ва мукаризони расмӣ - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Исматӣ Муҳаммадҷон ва номзади илмҳоифизикаю математика, дотсент, директори Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон” Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо таъйин карда шавад.
3. Рӯзи ҳимояи такрори21-уми декабри соли 2022 таъйин карда шавад ва ба чопи автореферат иҷозат дода шавад. Инчунин барои эълон намудани рӯзи ҳимоя ва ҷойгиркунии дигар парвандаҳо дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-011,**
**академики АМИТ, профессор** Илолов М.И.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-011, д.и.ф.м., дотсент** Нуров И.Ч.